**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ____________
«__16__» ________ 2024 с

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи «Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Р.Б. ба шиносномаи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Дар шароити истиқлолияти давлатӣ бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ имрӯз ба яке аз масъалаи муҳим табдил ёфтааст, чунки дар системаи маориф ҳангоми тайёр кардани мутахассисон талаботи соҳавии касбӣ барои хоҷагии халқ то ҳадди имкон ба назар гирифта намешавад, бо ин сабаб бо шуғл фаро гирифтани онҳо назаррас нест. Бинобар ин, бархе аз хатмкунандагон пас аз гирифтани тахассуси касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар раванд, ки ин омил дар оянда ба ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, бинобар паст будани саводи тахассусиашон наметавонанд бо шуғл таъмин шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо кор таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст (саҳ. 4).

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Чуноне ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи технологияҳои иҷтимоии масъалаи бо шуғл таъмин кардани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар доираи ҷанбаҳои гуногун таҳқиқ карда, таъсири он ба инкишофи ҷомеа ба сифати мақсади асосии таҳқиқот интихоб намудааст.

Диссертант ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда иҷрои як қатор вазифаҳои ҷиддии зерини таҳқиқотиро кӯшиш намудааст ба анҷом расонад. Аз ҷумла, таҳлили пайдоишу ҷустуҷӯиҳои илмии масъалаҳои технологияҳои иҷтимоӣ, сотсиологияи меҳнат ва шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, масъалаҳои бекорӣ, ҷойивазкунии захираҳои меҳнатӣ, иҷтимоишавии қувваҳои корӣ, мутобиқшавии касбии захираҳои меҳнатӣ, интихоби касб, тарзи ҳаёт ва масъалаҳои бозори меҳнатро баррасӣ кардааст.

Ба таври умумӣ ҳолати мавзуи диссертатсиониро ба таври зайл тавзеҳ додан мумкин аст: 1) ҷанбаҳои илмӣ-назариявии масъалаҳои технологияҳои иҷимоӣ, шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, бозори меҳнат ва захираҳои меҳнатӣ дар кишвар ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст; 2) барои анҷом додани чунин таҳқиқот заминаи муайяни илмӣ-методологӣ ташаккул наёфтааст. Муҳимияти мавзуи илмӣ мураккабӣ, баҳснокӣ, инчунин, нокифоягии коркарди илмии он барои таъмини ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар соҳаи сотсиологияи ватанӣ таҳлили мавзуи мазкур сурат гирифтааст. Зимнан, масъалаҳои алоҳидаи навгонии таҳқиқотро диссертант ба таври зайл баррасӣ намудааст:

- дар асоси омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ, ақидаҳои олимони соҳаи сотсиология ва иқтисодиёт мафҳуми "технологияи иҷтимоӣ" мушаххас карда шуд. Асоснок карда шуд, ки технологияи иҷтимоӣ дар шароити муосир воситаи амалигардонии вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ба воситаи технологикунонии донишҳо муносибати мақсадноки ташкили шуғлмандӣ ва фаъолияти минбаъдаи хатмкунандагон ба вуҷуд меояд. Маълум гардид, ки истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл мутобиқат намуда, сабаби рушди шахс мегардад;

- дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ фарқият миёни мафҳуми "бо кор таъминкунӣ" ва "шуғлмандӣ" ошкор карда шуд, ки "бо кор таъминкунӣ"-натиҷаи мусбати раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ буда, "шуғлмандӣ" бошад, нишондиҳандаи сатҳу сифати таълими касбӣ ва дараҷаи баланди даромаднокӣ мебошад;

- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон муайян карда шуд, ки доир ба таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барномаву лоиҳаҳои гуногун қабул карда шуда, сомонаҳои интернетӣ таъсис дода шудааст, ки ҳар лаҳза вазъи бозори меҳнатро баррасӣ мекунанд;

- ошкор карда шуд, ки ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар бо корхонаву ташкилотҳо ва корфармоён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;

- муайян карда шуд, ки талаботи қонун барои ҷудо намудани квотаҳои ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад;

- натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки дар соҳаи маориф мушкилоти омода намудани мутахассисони баландсавияву болаёқат вуҷуд дорад ва сабаби дар бозори меҳнат бо шуғл таъмин нагардидани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мегардад;

- дар натиҷаи омӯзиши системаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ошкор карда шуд, ки тахассуси касбии гурӯҳе аз хатмкунандагон на ҳамавақт ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Гулов Р.Б. аз номгуйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда, инчунин замимаҳо иборат мебошад. Дар қисмати муқаддимавии рисола диссертант нуктаҳои асосии таҳқиқот, аз қабили аҳаммият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, предмет, объект, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маълумоти дигари марбут ба меъёрҳои сохтории диссертатсияро тибқи талабот шарҳу тавзеҳ дода, доираи масъалаҳои баҳсталаби мавзуъро мушаххас менамояд ва бо далелҳои эътимодбахш доир ба таҳаввул ва ташаккули мавзуи таҳқиқшаванда огоҳона изҳори назар менамояд.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ**" ном гирифта, диссертант дар се зербоби ин фасл бо такя ба манобеи сотсиологию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ ва тамоюлҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур "Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ" таҳлил гардида, диссертант тавассути таҳлили илмӣ ба хулосае омадааст, ки "Ба мафҳуми "бокортаъминкунӣ" мафҳуми "шуғлмандӣ" хеле наздик аст, аз ин рӯ бокортаъминкунӣ заминаи шуғл буда, яке аз кафолатҳои асосии он аст, зеро тахти мафҳуми "шуғл" фаъолияти шаҳрванд, ки ба қонеъгардони талаботи шахсӣ ва ҷамъиятии ӯ ба қонунгузории давлатӣ муқобил набуда, ба ӯ фоида (музд) меорад, фаҳмида мешавад" (саҳ.22). Ҳамзамон, диссертант қайд менамояд, ки "Масъалаҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, шуғл ва шуғлмандӣ аз тарафи олимони соҳаи илмҳои иқтисодӣ ва соҳаи сотсиология мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифта, ҳар як муҳаққиқ ин мафҳумро аз назари хеш шарҳу тавзеҳ додааст" (саҳ.22).

Дар зерфасли дуюм "Таҷрибаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупо дар ташкили системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ" баррасӣ гардида, зимни таҳлилу баррасии он диссертант қайд менамояд, ки "Имрӯз ҷалби қувваҳои корӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба яке аз мушкилоти муҳим табдил ёфтааст. Ҳоло бо пешрафти техникаву технологияи муосири соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ мавкеи баъзе аз коргарон дар корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ бо

сабаби сатҳи пасти тахассусӣ то андозае коҳиш ёфтааст. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакатҳои умумиттифоқӣ мувозинати сатҳи инкишофи иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи лозимӣ нигоҳ медоштанд. Он системаи муайяни нигоҳдорандаи қувваҳои корӣ, ки дар ҳамон вақт таъсис ёфта буд, кумак мекард, то инки тамоми соҳаҳои иқтисодиёти давлатҳои аъзо дар сатҳи муайян фаъолият намоянд" (саҳ. 40).

Дар зерфасли сеюм "Технологияҳои муосири бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва касбӣ-техникӣ" таҳлил гардида, дар заминаи он муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки "Бо дарназардошти шиддат гирифтани равандҳои гуногуни ҷаҳонӣ муосир дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа донистан ва самаранок истифода бурдани технологияҳои иҷтимоӣ, инчунин, барои ҳалли мушкилоти гуногун мусоидати фаъол намуда, ҷараёни идоракуниро метавонад суръат бахшанд. Дар баробари ин, барои ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла, мушкилоти шуғли аҳолӣ, хусусан, таъмини қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо ҷойи кор метавон аз технологияҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода кард" (саҳ. 60).

Боби дуюми диссертатсия "**Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон**" ном гирифтааст, ки аз се зербоб иборат аст.

Диссертант, дар зербоби аввал "Таҳлили вазъияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат" таҳлил гардида, қайд менамояд, ки "Давоми солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳайати иҷтимоии аҳолӣ дар кишвар тағйир ёфт ва он аз синфи коргар, деҳқон ва зиёиён иборат буд. Дар Тоҷикистон ҳиссаи одамони машғул дар хоҷагӣ аз ҳама бештар дар хона ва хоҷагии шахсӣ ба назар мерасад. Дар шароити муосир истифода аз захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии халқ ва баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум дар мадди аввал меcтад" (саҳ. 92). Дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи диссертант дар миёни хатмкунандагон ва шахсони синну соли аз 18 то 30 сола натиҷаи зерини таҳқиқотро ба даст овардааст: масалан, дар таъмини ҷойи корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чунин натиҷа ба даст омадааст. "36,5 % - и мусоҳибон зиёд кардани корхонаҳои истеҳсолиро дар ҷумҳурӣ нишон додаанд, ки он сабаби бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ мешавад, 19,4 % - и пурсишшавандагон бошанд баланд бардоштани сатҳи донишро зикр намудаанд, 8,8 % - и мусоҳибон ҳавасманд намудани ҷавононро интихоб карда, баланд бардоштани музди меҳнатро 8,6 % - и мусоҳибон ҳамчун воситаи ба шуғл фаро гирифтан қайд намудаанд. Беҳтар намудани сифати таълимро 6,9 % - и мусоҳибон ишора намуда, 5,8 % - и мусоҳибон ягон ҷавоби муайян надоданд, 5,6 % - и мусоҳибон дӯст доштани касбро ишора карда, эълони ҷойҳои кориро 3,5 % - и мусоҳибон, яке аз омилҳои дарёфти ҷойи корӣ арзёбӣ намудаанд. Беҳтар кардани шароити кориро 2,9 %, фаъолнокии хатмкунандагонро 1,9 % -и мусоҳибон дар ин самт баррасӣ кардаанд" (саҳ. 94).

Дар зербоби дуюм "Квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ" таҳқиқ карда шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки

“Гурӯҳҳои осебпазире, ки доимо ба мушкилот гирифторанд ва наметавонанд аз уҳдаи ҳалли мушкилоти худ то ҳади имкон бароянд, нисбати рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, давлат дар самти ҷалби меҳнат корхонаҳоро вазифадор мекунад, ба онҳо кафолатҳои иловагиро диҳад. Мутобиқи сиёсати иҷтимоии худ давлат саъю талош менамояд, то ки категорияҳои гуногуни осебпазирии аҳолиро дастгирӣ ва нигоҳубин намояд” (саҳ.121). Дар робита бо ин, диссертант қайд менамояд, ки “Барои ба шуғл ҷалб намудани шахсони дорои маъюбӣ дар Тоҷикистон квотаро қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” муайян мекунад. Давлат барои бо шуғл таъмин намудани ин табақаи аҳолӣ ҷойҳои кориро вобаста ба имкониятҳои фардии ҳар як шахси дорои маъюбӣ фароҳам оварда, бо асбобу анҷоми лозимӣ таҷҳизонида мешавад” (саҳ. 122).

Дар зерфасли сеюм “Тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ” баррасӣ гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки “Таъмини кадрҳои баландихтисос дар иқтисодиёти ҳар як кишвар вазифаи асосии сиёсати давлатии он ба шумор рафта, устуворӣ ва суботи иқтисодиёти ҳар мамлакатро таъмин мекунад. Ин вазифаро дар миқёси кишвар мақомоти иҷроия, муассисаҳои таълимӣ, корфармоён дар раванди омодасозии кадрҳо ба иҷро мерасонанд. Вобаста ба раванди модернизатсияи иҷтимоӣ, дар ҷомеа падид омадани мақомҳои нави иҷтимоӣ, нақшҳо, шуғл, ҳамкориҳои нав дар таркиби сохтори ҷомеа ба амал омада истодааст. Барои ба нақша гирифтани кадрҳо дар иқтисодиёти кишвар бояд тамоми равандҳои иқтисодӣ, меҳнатӣ, демографӣ, таълимӣ, иҷтимоӣ ва дигаргуниҳое, ки дар сатҳи ин ҷараёнҳо ба вуҷуд меоянд, бояд ба назар гирифта шавад” (саҳ. 128).

Диссертант Гулов Р.Б. дар хулосаи диссертатсия як қатор тавсияҳои муфидро дар самти тарҳсозии системаи шуғли қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ пешниҳод намудааст. Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зеринро пешниҳод кардааст:

1.Ба хотири бартараф намудани мушкилоти шуғли аҳолӣ, аз ҷумла, як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, қабл аз ҳама, омилҳои ин масъаларо бояд муайян кард. Барои ба иҷро расонидани ин амал ба таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ такя бояд кард;

2.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ташкилоту корхонаҳо, бояд барномаи махсусеро таҳия намоянд, ки таносуби хатмкунандагон ва ташкили ҷойҳои кориро ба инобат гирад;

3.Бастани шартномаи устувор миёни ташкилоту корхонаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар, ба ин васила корхонаҳо бо мутахассисони касбӣ таъмин шуда, онҳо бо шуғл фаро гирифта мешаванд, ҳамзамон ба самаранокии фаъолияти корхонаҳо мусоидат менамояд;

4.Шарикон ва корхонаву ташкилоти корфармоaccess ҳавасманд гардонидан лозим аст, ки системаи махсуси барқарорсозии таълимӣ ва касбии шуғли шахсони дорои маъюбиро бо дастгирии Хадамоти давлатии шуғл таъсис диҳанд ва ғайра” (саҳ.151, 152, 153).

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Гулов Раҳмонали Бобохонович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.**

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ мувофиқ ба меъёрҳои илмӣ таҳия гардида, таҳқиқталаб будани он нишон дода шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллифи рисола бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сотсиологӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя намудааст. Манбаъ ва заминаи таҳқиқотро асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли монографияҳо, таҳқиқоти сотсиологӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин махзанҳои электронии интернетӣ ташкил медиҳанд. Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо асоснокии методологии муқаррароти ибтидои назариявӣ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин, истифодаи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст.

**5. Аҳаммияти илмию амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои рисолаи илмиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлат оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, ҷавонони соҳибихтисос, танзими масъалаҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти бо шуғл таъмин намудани ҷавонон истифода бурдан имконпазир мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва пешниҳодҳои рисола аз ҷониби Вазоратҳои дар ин самт масъул ва дигар мақомот метавонад истифода карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии инкишофи соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, инчунин, таҳлили илмии масъалаи шуғлмандӣ миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ шудааст. Қисмати амалии омӯзиши диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи шуғл, инчунин, пешгирии таъсири манфии бекории ҷавонони соҳибихтисос дар ҷомеа ва самаранок истифода кардани аҳолии қобили меҳнат ба мавқеъ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои “Тағйироти иҷтимоӣ”, “Сотсиологияи оила”, “Глобализатсияи иҷтимоӣ”, “Сотсиологияи шахс”, ”Сотсиологияи меҳнат”, “Сотсиологияи каҷрафторӣ”, “Кори иҷтимоӣ бо ҷавонон”, “Кори иҷтимоӣ бо бекорон”, “Кори иҷтимоӣ бо маъюбон”, инчунин ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ, навиштани диссертатсия, корҳои магистрӣ ва дипломии ба ин масъала дахлдошта истифода бурда шавад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тарҳи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи муайяни илмӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну мухтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**8. Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия.**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Гулов Р.Б. баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ қайд мегардад, ки дар самти мазкур таҳқиқоти олимони тоҷик Э.Н. Сангинов, Р.М. Бобоҷонов, С.Р. Бобоҷонов, Д.Б. Қодиров, М. Ҳимматшо, Б.Х. Баротзода ва дигарон бахшида шудаанд. Аммо, дар матни диссертатсия андешаи онҳо доир ба мавзуи таҳқиқшаванда норавшан боқӣ мондааст.

2. Дар кори диссертатсионӣ баъзан мафҳумҳое дида мешаванд, ки мазмун ва моҳияти онҳо норавшан буда, баъзан мафҳумҳои дигар шарҳталаб мебошанд.

3. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои баёнгардида хусусияти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фалсафаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ «12» январи соли 2024, суратмаҷлиси №6 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Ибодов Маҳмадулло Орифович омода карда шудааст.

Омодакунандаи тақриз:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ибодов М.О.

Раисикунанда:
мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
номзади илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсент Абдуллоев Н.С.

Имзои Абдуллоев Н.С. ва Ибодов М.О. –ро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
тел.: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26,
факс: (33-22) 2-35-06,
E-mail: info@kgu.tj